**Суратмаҷлиси № 50-и**
ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-020
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 4-уми январи соли 2024 ш. Душанбе

Иштирок доштанд:
аз 15 нафар аъзои
шуро 12 нафар

**РӮЗНОМА:**

Қабул намудани диссертатсияи **Валиева Ҳалима Субҳонқуловна** дар мавзуи **«Вижагиҳои тавсиф дар осори Сайф Раҳимзоди Афардӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ (роҳбари илмӣ: доктори илмҳои филологӣ **Сафаров Умарҳоҷа Раҳимович**) ба экспертизаи аввалия ва таъйин намудани комиссияи экспертӣ.

**ШУНИДА ШУД:**

Ахбори раиси шурои диссертатсионӣ, д.и.ф., профессор Мақсудов Б. дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Зайниддини Абдулҳамид ба шурои диссертатсионӣ.

**БАРОМАД КАРД:**

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, доктори илми филология Сироҷиддини Эмомалӣ маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳо, автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ба шурои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Валиева Ҳалима Субҳонқуловна ба талаботи Низомномаи шурои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидаанд, ҷавобгӯ мебошанд.

Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур ба экспертизаи аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Валиева Ҳалима Субҳонқуловна дар мавзуи «Вижагиҳои тавсиф дар осори Сайф Раҳимзоди Афардӣ» барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ ба экспертизаи аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин таъйин карда шавад:

– **Низомӣ Мухриддин Зайниддин** – доктори илмҳои филологӣ, узви шурои диссертатсионӣ, раиси комиссияи экспертӣ;

– **Мисбоҳиддини Нарзиқул** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви шурои диссертатсионӣ, узви комиссияи экспертӣ;

– **Қурбонзода Рухшона Қурбон** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, узви комиссияи экспертӣ.

**Қарор бо овоздиҳии ошкоро якдилона қабул карда шуд.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Мақсудов Бадриддин

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ Сироҷиддини Эмомалӣ